# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD)

Парвандаи аттестатсионии № 16
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 07.10.2023, № 16.2.

Барои сазовор донистани Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзуи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат), санаи 05 июли 2023 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №16.1 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012-и назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½) ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ, Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа 11-уми феврали соли 1994 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2016 факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ ва соли 2018 магистратураро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо муваффақият хатм намуда, соҳиби тахассуси иқтисодчӣ гаштааст.

Дар вазифаи эдвайзер оид ба таълим дар таҳсилоти фосилавии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Сафаров Баҳром Гулматович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Раҷабов Раҷаб Кӯчакович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;
- Рустамов Раҳим Умаршоҳович - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Точикистон.

**Муассисаи пешбар** - Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби таҳлилгар номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шӯъбаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ Васиев Ф.М. таҳия гардида, дар маҷлиси Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат,

муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» баррасӣ ва муҳокима карда шуда (суратҷаласаи №11, аз 12.09.2023 сол), аз ҷониби директори МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ», номзади илмҳои сиёсатшиносӣ Маҳмадбекзода Моёншо Шодмон 14.09.2023 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса баровaрда шудааст, ки диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзуи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», кори илмию таҳқиқотии мустақилона баитмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқарар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти меҳнат, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илм шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 17 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад:

[1-М]. Мирзозода (Табаров) А.Д. Пардохт ва ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар низоми маъмурӣ/ А.Д. Мирзозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. №10-2. ш. Душанбе-2019. -С. 224-228. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Мирзозода А.Д. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии ҳавасмандгардонии меҳнат / А.Д. Мирзозода, Г.Б. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. №10-2. ш. Душанбе -2020 сол. - С. 127-132. ISSN 2413-5151.

[3-М]. Мирзозода (Табаров) А.Д. Ҷанбаҳои назариявии меҳнат ва роҳҳои ҳавасмандкунии он/ А.Д. Мирзозода, Г.Б. Сафаров // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ “Кишоварз”. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон №1 (96). ш. Душанбе -2021. -С. 173-175. ISSN 2074-5435.

[4-М]. Мирзозода А.Д. Таҳлил ва тамоюлҳои рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаҳои саноат дар минтақаи Хатлон/ А.Д. Мирзозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), №9/1, Душанбе-2021. -С.137-142. 2413-5151.

[5-М]. Мирзозода А.Д. Асосҳои зарурати ҳавасмандгардонии меҳнати коргарон (назария ва амалия)/ А.Д. Мирзозода // Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ) №3 (32), ш. Душанбе-2022. -С. 242-251. ISSN 2663-0389.

[6-М]. Мирзозода А.Д. Таҳлили нишондиҳандаҳои ҳавасмандгардонии меҳнати коргарон (дар мисоли вилояти Хатлон)/ А.Д. Мирзозода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), №3. ш. Душанбе-2023. -С.122-131. 2413-5151.

[7-М]. Мирзозода А.Д. Таҳлил ва арзёбии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон/ А.Д. Мирзозода // Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ) №1 (35), ш. Душанбе-2023. -С. 298-307. ISSN 2663-0389.

[8-М]. Мирзозода А.Д. Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон/ А.Д. Мирзозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон/. – Душанбе. - 2023. - №1 (45). – С. 262 - 268.

[9-М]. Мирзозода А.Д. Тартиби баҳисобгирии андозҳо ва музди меҳнат дар амалияи барномаи 1С: Муҳосибот/ А.Д. Мирзозода, Алишери Х.// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Дар мавзуи “Таъминоти инноватсионии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ”, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур -2018. - С.54-57.

[10-М]. Мирзозода А.Д. Ташкили баҳисобгирии андоз ва роҳҳои такмил додани он дар бахши саноат/ А.Д.Мирзозода// Матбааи ДДМИТ, 2018. -96 с.

[11-М]. Мирзозода А.Д. Рушди саноат ва аҳамияти он барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ У.С. Асрорзода, А.Д. Мирзозода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Дар мавзуи “Муаммоҳои молиявии саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ -2019 сол.

[12-М]. Мирзозода А.Д. Муаммоҳои пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандкунии моддии кормандони корхонаҳои саноатии мамлакат замимагузор ба рушди ин соҳа/ А.Д. Мирзозода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Дар мавзуи “Муаммоҳои молиявии саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ -2019 сол.

[13-М]. Мирзозода А.Д. Моҳияти иқтисодӣ ва унсурҳои асосии низоми ҳавасмандкунии моддии меҳнати кормандон/ А.Д. Мирзозода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Дар мавзуи “Муаммоҳои молиявии саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ -2019 сол.

[14-М]. Мирзозода А.Д. Музди меҳнат, принсипҳо ва низоми музддиҳӣ дар фаъолияти тиҷоратии соҳаи кишоварзӣ/ Б.Г. Сафаров, А.Д. Мирзозода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Дар мавзуи “Саноатикунонии кишвар ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ”, Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ -2020 сол.

[15-М]. Мирзозода А.Д. Муаммоҳои пардохти музди меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ/ А.Д. Мирзозода, З. Ҳакимов// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Дар мавзуи “Саноатикунонии кишвар ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ”, Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ - 2020 сол.

[16-М]. Мирзозода А.Д. Баҳисобгирии сармояи худӣ дар корхонаҳои саноатӣ / А.Д. Мирзозода, Маҷмуаи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. Механизми татбиқи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити индустриаликунонии мамлакат: воқеият ва дурнамо // (ш. Душанбе, 23-юми октябри соли 2021) – Душанбе, ДДМИТ -2021. -С.205-209.

[17-М]. Мирзозода А.Д. Таҷрибаи хориҷӣ ҳавасмадгардонии моддии меҳнати кормандон/А.Д. Мирзозода, Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ -2021. -С.80-84.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо зерин ворид шуданд:**

1. Низомов Самариддин Фахриевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафердаи таҳлили иқтисодӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1. Дар баробари муваффақиятҳои муҳимми автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муалллиф ба нуктаи зерин низ аҳамият медод. 2. Ба манфиати кор мебуд, агар дар афтореферат ҷадвалҳои дорои нишондиҳандаҳои зиёди марбут ба ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ҷойгир карда мешуд, расми 3, ки амсилаи чорсатҳаи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ унвон гирифтааст, мантиқан хуб мебошад, аммо барои таҳқиқот хуб мебуд, агар он дар автореферат васеътар шарҳ дода мешуд.

2. Алиҷонов Ҷамшед Абдуқаюмович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" бо чунин эродҳо: 1) Хуб мешуд, агар дар автореферати диссертатсия муқоисаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноати вилояти Хатлон бо дигар соҳаҳо муқоиса карда мешуд. 2) Сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баладтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф музди меҳнати номиналӣ ва аслӣ дар соҳаҳои саноат дар доираи вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор дода мешуд.

3. Сатторов Абдурасул Абдуғафорович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент декани факултети иқтисод ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1. Дар автореферат аз таҳқиқи боби якум (саҳ.10-12) натиҷаҳои илмӣ бештар дар намуди матн оварда шудааст. Ба манфиати кор мебуд, агар ҳадди аққал як расм ва ё ҷадвали дигар дар ин боб ҷойгир карда мешуд. 2. Ҷадвали 1., ки маълумоти омори расмиро оид ба музди меҳнати кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодии вилояти Хатлон дар бар мегирад, дар сатҳи зарурӣ шарҳ дода нашудааст.

4. Фатҳуллозода Абдухолиқ Фалҳулло - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, бо чунин эродҳо: 1. Барои ба таври ошкоро нишон додани тамоюли нишондиҳандаҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар боби 2-юм ҳадди ақал як адад диаграммаи дигар илова карда шавад. 2. Дар боби 3-юм бошад, шумораи расмҳо (схемаҳо) зиёд буда, матн оид ба шарҳи онҳо нисбатан кам аст. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани натиҷаҳои арзишманди илмӣ, васеътар шарҳ додани расмҳои боби 3-юм ҳамчун боби хотимавӣ ба манфиати таҳқиқот мебошад.

5. Ҳамдамзода Хурсанд Акбар - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, бо чунин эрод: 1. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот ба шароиту имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои саноати вилояти Хатлон таваҷҷуҳи камтар зоҳир намудааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***масъалаҳои назариявӣ*** такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ, бо назардошти дигаргуншавии шароит ва афзоиши мунтазами самараи меҳнат тағйирпазирии он ва низому механизми ҳавасмандгардонии моддӣ аз мавқеи такмилдиҳӣ дақиқ карда шудааст, муҳимияти ҳавасмандгардонии моддӣ аз мавқеи қонеъгардонии талаботи физиологӣ асоснок,

қонуниятҳо ва хусусиятҳои қаноатбахшии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ошкор ва афзалияти ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ғайримоддӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таҳқиқ карда шудааст;

- ***принсипҳои*** ҳавасмандгардонии моддии меҳнат барои такмили низоми ҳавасмандгардонӣ ва ба шароити мушаххас мувофиқ намудани ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардониро таъмин менамояд. Риоя намудани принсипҳои вобастагии ҳаҷми ҳавасмандгардонӣ аз натиҷаҳои меҳнат, муҳимияти ҳавасмандиҳои моддӣ, баробарии ҳаҷми ҳавасмандгардонии моддӣ ва ҳиссаи фаъолияти меҳнатӣ, манфиатнокии моддӣ барои ноилгардӣ ба натиҷаҳои мусбии фаъолияти корхона, дастрасии ҳавасмандгардонӣ, таъсирбахш будани ҳавасмандгардонӣ, тамоюли мусбии тадриҷӣ (оҳиста-оҳиста) доштани ҳавасмандгардонӣ, амали якҷояи ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавӣ, коҳишдиҳии фосилаи байни натиҷаи меҳнат ва пардохти он, алоқаи мунтазами низоми ҳавасмандгардонӣ бо стратегия ва ҳолати молиявии корхона, ва бисёрсатҳа будани низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат ҷиҳати такмили низоми ҳавасмандгардонии модӣ мусоидат менамояд;

- ***омилҳои таъсиррасон:*** низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат зери таъсири омилҳои ***мустақим,*** ба монанди: имкониятҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ, нерӯи зеҳнию ҷисмонии кормандон, сатҳу сифати меҳнат, сиёсати кадрии корхона, талаботу таклифоти қувваи корӣ, таъсири иттифоқҳои касаба ва коллективи меҳнатӣ ба корфармо, шумораи рӯзҳои корие, ки корманд воқеан кор кардааст ва нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат ва ***омилҳои ғайримустақим:*** ҳолати иқтисодии кишвар, пешрафти илмию техникӣ, тағйироти иҷтимоию сиёсӣ ва дигар ҳодисаю воқеаҳои барои корхона муҳим қарор дорад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***фарзияи асилии илмие*** пешниҳод шудааст, ки такмили асосҳои методологию заминаҳои институтсионалӣ ва ба шароити кунунӣ мутобиқнамоии ҳавасмандгардониҳо ҷиҳати такмили механизмҳои татбиқи низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мусоидат менамоянд.

- ***афзалиятҳои*** такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ мушаххас гардонида шуда, асоснок карда шудааст, ки мукаммал будани низоми мазкур ба масрафи неруи баланди меҳнати ақлонию ҷисмонӣ асос меёбад ва баландшавии ҳосилнокии меҳнатро дар корхонаҳои саноатии вилоят таъмин намуда, барои афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мусоидат менамояд.

- ***консепсияи ташаккули*** низоми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, ки дар диссертатсия дарҷ гардидаанд, аз рӯйи мавқеи назариявӣ ва амалӣ ҷиҳати рушди корхонаҳои саноатии минтақа дар заминаи афзоиши самараи меҳнат, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии захираҳои меҳнатии соҳа мусоидат менамояд.

- ***самтҳои асосии*** такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат барои корхонаҳои саноатии минтақа ҳаҷми кифояноки воситаҳои ҳавасмандгардонӣ, чандирӣ будани подошҳо ва хусусияти баланди ҳавасмандӣ доштани онҳо, одилона ва саривақтӣ будани низоми пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ ва нерӯи шиддатдиҳанда доштани ҳавасмандгардониҳо мебошад.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- ***муқаррароти*** бунёдии назарияи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат, асарҳои олимону иқтисодшиносони ватанию хориҷӣ оид ба такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат таҳқиқ гардида, амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳо метавонанд ҷиҳати такмили ҳавасмандгардониҳои моддӣ дар корхонаҳои саноатии вилоят мусоидат намоянд;

- ***татбиқи амалии*** натиҷаҳои диссертатсия барои роҳандозӣ намудани низоми қаноатбахши ҳавасмандгардониҳои моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мусоидат намуда, афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавиро таъмин менамояд.

- ***аҳамияти назариявии*** таҳқиқоти илмии анҷомдодшуда аз он иборат аст, ки асосҳои назариявии он ба рушди заминаҳои назариявии такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мусоидат менамоянд.

- ***натиҷаҳои таҳқиқот*** метавонанд ҳангоми коркарди барномаҳои давлатии рушди соҳаи саноат ва ҳуҷҷатҳои сатҳи корхонаҳо, инчунин андешидани тадбирҳо оид ба амалӣ намудани онҳо барои такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилоят ва дар маҷмӯъ барои рушди минтақа истифода шаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- ***ѓояи илман*** асоснок дар пояи таҳқиқотҳои олимони соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ бо таваҷҷӯҳ ба коркарди низоми комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки дар шакли нуқтаи назари муаллиф оид ба мафҳуми "ҳавасмандгардонӣ" муайян гардида, аз нигоҳи илмӣ вай омили бавуҷудорандаи майлу хоҳиши корманд ба фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки рушди фаъолияти корхонаро дар заминаи истифодаи пурраи нерӯи ҷисмонӣ ва зеҳнии хеш таъмин менамояд;

- ***консепсияи*** такмили низоми ҳавасмандгардонии моддӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон пешниҳод шудааст, ки он ба рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ мусоидат намуда, афзоиши истеҳсолоти саноатӣ, тавлиди молҳои воридотивазкунанда ва рушди маҷмӯи маҳсулоти минтақавиро таъмин менамояд;

- ***равиши*** самараноки ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ, ки дар асоси унсурҳои техникӣ, истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва меҳнатӣ бунёд карда мешавад, дар шароити рушди шуғли пурмаҳсул аз тариқи коҳишдиҳии хароҷотҳо ва баланд бардоштани даромаднокӣ барои ҳавасмандгардонии модии қаноатбахши кормандон мусоидат менамояд.

- ***низоми*** комили ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон ба меъёрҳои қонунгузории меҳнати ҷумҳурӣ ҳамоҳанг буда, музди меҳнати асосӣ ва иловагӣ, мукофотпулиҳо, пардохтҳои иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва дигар воситаҳои ҳавасмандгардонии моддиро дар бар мегирад. Низоми мазкур бо назардошти шароит тағйирпазир буда, бо назардошти талаботи моддии кормандон аз мавқеи афзоиши самараи меҳнат такмил дода мешавад.

- ***татбиқи*** тавсияҳои амалии таҳқиқот ба монанди ҷорӣ намудани усулҳои нави ҳавасмандгардонии моддӣ, ба инобат гирифтани манфиати кормандону корфармоён, ҳамоҳангсозии тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ ба имкониятҳои молиявӣ ва стратегияҳои рушди корхона, ба сатҳи қаноатбахш расонидани ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонӣ, одилона, ва саривақтӣ будани низоми пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ ва зиёд намудани нерӯи шиддатдиҳандаи ҳавасмандгардонӣ

ҷиҳати такмили низоми ҳавасмандгардонии моддӣ, рушди корхонаҳои саноатӣ ва дар маҷмуъ, пешрафти иқтисодиёти минтақа мусоидат менамояд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, интихоби мавзуъ, асосноксозӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳамиятнокии он аз ҷониби диссертант иҷро гардидааст. Тавсияҳои кори илмӣ метавонанд ҳангоми татбиқи сиёсати ҳавасмандгардонии моддӣ дар корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон истифода бурда шуда, ба ҷорӣ намудани низоми комили ҳавасмандгардонӣ дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат менамояд;
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 17 кори илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2018-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 07 октябри соли 2023 қарори сазовор донистан Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷаро бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат), қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шӯро 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест нафар, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

**Санаи барасмиятдароии хулоса - 09.10.2023**